*ТДУ 377*

**МОҲИЯТИ ИНФРАСОХТОРИ МОЛИЯВӢ ВА АҲАММИЯТИ ОН ДАР ТАҲКИМИ ПОЙГОҲИ ИНВЕСТИТСИОНӢ**

**Бобочонов Бобочон Зоҳирчонович,** *доктoранти (PhD) кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории ДИС ДДТТ*

**СУЩНОСТЬ ФИНАНСОВОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ И ЕЁ ЗНАЧЕНИЕ В ОПРЕДЕЛЕНИИ ИНВЕСТИЦИОННОЙ БАЗЫ**

**Бободжонов Бободжон Зохирджонович,** *докторант (PhD) кафедры экономики и предпринимательства ИЭТ ТГУК*

**THE ESSENCE OF FINANCIAL INFRASTRUCTURE AND ITS IMPORTANCE IN DETERMINING THE INVESTMENT BASE**

***Bobojonov Bobojon Zohirjonovich*** *, PhD doctoral student, Department of Economics and Entrepreneurship, IET TSUC*

***Калидвожаҳо:*** *инфрасохтори молиявӣ, низоми молиявӣ, раванди инвеститсионӣ, биржаи фондӣ, инфрасохтори бозори молиявӣ, технологияҳои молиявӣ.*

*Дар мақола ҷойгоҳ ва мақоми инфрасохтори молиявии муосир дар ташаккул ва таҳкими неруи инвеститсионии минтақаҳо ва мамлакат, самараноксозии истифодаи селаҳо ва захираҳои молиявӣ ва дар ниҳоят таъмини тараққиёти иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо дар алоҳидагӣ ва мамлакат дар маҷмуъ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диққати асосӣ ҳангоми баррасии масъалаҳои марбути мавзуъ, ба муайян кардани моҳияти инфрасохтори молиявӣ чун ҷузъи марказии низоми молиявии мамлакат, тавсифи истилоҳи илмии инфрасохтори молиявӣ ва нақши он дар таъмини нишондиҳандаҳои баланди молиявию иқтисодӣ равона карда шудааст. Ҳини баррасии масъалаҳои марказии мақола, ба муаллиф муяссар гаштааст, ки ба проблемаҳои муосири ташаккул ва рушди инфрасохтори молиявӣ дар иқтисодиёти миллӣ назари таҳлилӣ дӯхта, самтҳои асосии рушду такомули онро бо назардошти талаботи муҳити рақамии низоми молиявии муосир пешниҳод намояд.*

***Ключевые слова:*** *финансовая инфраструктура, финансовая система, инвестиционный процесс, инфраструктура финансового рынка, финансовые технологии.*

*В статье рассмотрены место и роль современной финансовой инфраструктуры в формировании и укреплении инвестиционного потенциала регионов и страны, в обеспечении эффективности использования финансовых потоков и ресурсов, и наконец, обеспечении социально-экономического развития регионов в частности и страны в целом. При рассмотрении вопросов в рамках темы исследования основное внимание направлено на определение сущности финансовой инфраструктуры как центрального звена финансовой системы страны, научное осмысление понятия финансовой инфраструктуры и ее роли в обеспечении высоких финансово-экономических показателей. В процессе рассмотрения основных вопросов автору удалось проанализировать современные проблемы формирования и развития финансовой инфраструктуры в национальной экономике и предложить основные направления ее совершенствования и развития с учетом требований цифровой среды в современной финансовой системе.*

***Keywords:*** *financial infrastructure, financial system, investment process, financial market infrastructure, financial technologies.*

*The article considers the place and role of modern financial infrastructure in the formation and strengthening of investment potential of regions and the country, ensuring the efficiency of financial flows and resources, and finally, ensuring socio-economic development of regions in particular, and the country as a whole. When considering the issues within the framework of the research topic, the main attention is directed to the definition of the essence of financial infrastructure as the central link of the financial system of the country, scientific understanding of the concept of financial infrastructure and its role in ensuring high financial and economic performance. In the process of considering the main issues in the article, the author managed to analyze the current problems of formation and development of financial infrastructure in the national economy, and to propose the main directions of its improvement and development taking into account the requirements of the digital environment in the modern financial system.*

Барои таъмини ҳадафҳои рушди устувори минтақаҳои алоҳидаи мамлакат, ташаккул ва такомули пайвастаи инфрасохтори молиявии посухгӯи ниёзҳои муосири бозори молиявӣ аз зарурати аввалиндарача махсуб мегардад. Зеро инфрасохтори молиявии замонавии аз тариқи илмӣ сохторбандишуда, ки ба тазоду тағйиротҳои пайопайи бозорӣ мутобиқ гардонида шудааст, дар меҳвари тараққиёти минтақаи дилхоҳ дар алоҳидагӣ ва мамлакат дар маҷмӯъ, қарор дорад. Дар сохтори муносибатҳои бозорӣ ва механизми танзими давлатии минтақаҳо бошад, роли калидиро молия мебозад. Дар ин ҳол, инфрасохтори молиявӣ бояд муттасилии гардиши захираҳои молиявиро ҳам дар вақт ва ҳам дар фазо таъмин карда тавонад. Тибқи пайдарҳамии вазифаҳои тадқиқоти феълӣ, ин ҷо бояд истилоҳи инфрасохтори молиявӣ ба сифати афзори калидии таъмини селаҳои инвеститсионӣ ва таъмини самарабахши хадамоти гуногуни молиявӣ маврид баррасӣ қарор гирад. Аввал худи мафҳуми инфрасохтор дар гардиши мафҳумҳои иқтисодиву молиявӣ мавриди назар аст.

Инфрасохтор (инфраструктура) аз лотинии infra – поён ё зер ва structura – сохт ё мавқеъ, ҷойгоҳ мебошад, ки чун истилоҳ дар адабиёти иқтисодӣ дар охирҳои солҳои 40-уми асри XX барои тавсифи маҷмааи соҳаҳои хоҷагие, ки истеҳсолоти саноативу кишоварзиро хидмат мерасониданд ба миён омадааст[1]. Аксари луғату фарҳангҳо мафҳуми мазкурро тасдиқ карда, танҳо инфрасохтори истеҳсолию иҷтимоиро фарқ мекунанд, ва танҳо аҳёнан ба мафҳуми инфрасохтор илм, маориф ва тандурустиро мансуб медонанд [2].

Мувофиқи тавсифи С.С. Носова, инфрасохтор «аз маҷмӯи соҳаҳо, объектҳо, иншоотҳое иборат мебошад, ки шароитҳои умумии истеҳсолотро, ки барои тараққиёти самараноки иқтисодиёт дар маҷмӯъ ва зисти одамон дар марзҳои дилхоҳ дар алоҳидагӣ заруранд, таъмин мекунад» [3]. Тибқи ин тавсиф, ба таркиби он, васоити иттилоотӣ, энергетика ва барқ, нақлиёт, алоқа, хадамоти коммуналӣ ва ҳамчунин маориф, тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва ғайра мансуб дониста мешаванд. Мавриди тазаккур аст, ки молия (ё хадамоти молиявӣ) дар тавсифи мазкур ба назар гирифта нашудааст.

Илова ба мафҳуми умумии инфрасохтор, дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ, ҳамчунин инфрасохтори бозор низ чун объекти дигари низоми иқтисодӣ баррасӣ карда мешавад – «маҷмӯи корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳое, ки тараққиёт ва амалкарди босуботи механизми бозории танзими иқтисодиёт, ҳаракати пайвастаи молу хадамот ва қиматҳои гуногунро дар соҳаҳои гуногуни такрористеҳсоли ҷамъиятӣ таъмин мекунанд»[4]. Вобаста аз сохтори қувваҳои истеҳсолкунанда, ҷузъиёти таркибиаш инҳоро дар бар гирифта метавонад: таркиби кадрӣ, моддию ашёӣ, илмӣ, иттилоотӣ; хидматрасонӣ, ки аз бақайдгирандагон (регистраторон), депозитарийҳо, оҷонсиҳои рейтингиву машваратӣ ва монанди инҳо. Фаъолияти ин ҷузъҳои ифрасохтори бозорӣ ба корҳои баҳисобгирӣ, арзёбӣ ва танзими ҷалбу истифодаи захираҳои молиявӣ тавассути расонидани як қатор хизматҳо равона гардидааст.

Дар луғати қомуси русӣ мафҳумҳои инфрасохтори бозори аудиторӣ, инфрасохтори бозори коғазҳои қиматнок ва инфрасохтори иқтисодиёт дар алоҳидагӣ дода шуда, таҳти ин истилоҳот, ҳам маҷмӯи ташкилот ва ҳам намудҳои фаъолият дар бахшҳои мазкури иқтисодиёт дар назар дошта шудааст [5].

Мафҳуми инфрасохтори молиявӣ ҳамчун категорияи илмӣ мазмуни махсуси бонизом дорад. Он умдатан тавассути унсурҳое, ки ба таркибаш воридfestivities тавсиф карда мешавад. Дар тавсифи таркиби он ду равиши илмӣ ба назар мерасад. [6] Дар доираи равиши аввал, мазмуни инфрасохтори молиявӣ тавассути маҷмӯи институтҳои молиявии бахши тиҷоратии иқтисодиёт (бонкҳо, ширкатҳои суғурта, институтҳои бозори фондӣ ва ғайра) маънидод мешавад. Равиши дуюм фарогир мебошад – илова ба институтҳои номбурда, ба таркиби инфрасохтори молиявӣ ҳамчунин мақомоти давлатие, ки селаву захираҳои молиявиро байни субъектони фаъолияти хоҷагидориву минтақаҳо тақсим мекунанд, шомил гардидаанд.

Ҳамин тавр, таҳти мафҳуми инфрасохтори молиявӣ маҷмӯи институтҳоеро, ки ҳаракати селаҳои молиявиро дар байни сохторҳои давлативу хусусӣ ва хоҷагиҳои хонавода тақсим намуда, ҳадафи ниҳоии макроиқтисодиашон таъмини молиявии иқтисодиёт дар маҷмӯъ мебошад дониста мешаванд.

Мафҳуми инфрасохтори молиявии минтақа дар асарҳои олимони ватанӣ хеле кам тавсиф ёфтааст. Ҳамон мақолаҳои нодиртарине ҳам, ки ба моҳияти инфрасохтори молиявӣ бахшида шудаанд, бештар сатҳи иқтисодиёти миллиро фаро гирифта, соф иқтисодиёти минтақа аз мадди назар дур мондааст. Хоса, дар бобати тавсифи мафҳум ва мазмуни инфрасохтори молиявии муосир, корҳои олими ватанӣ Т.М. Тӯхтаев маълум аст, ки муаллиф дар онҳо инфрасохтори молиявиро чун алоқамандии зичи ҳамаи унсурҳо ва ҷузъиёти инфрасохтори бозори молиявӣ ва низоми институтҳои бахши молиявӣ муайян намудааст [7]. Аммо чуноне, ки аллакай қайд кардем, сатҳи минтақа бо

муаммоҳои гуногуни дараҷаи дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ҳамчун объекти тадқиқот дар канор мондааст. Ба ақидаи муаллифи номбурда, биниши зерини инфрасохтори молиявии муосир мувофиқи мақсад мебошад: «... аз рӯи принсипи сохтории инфрасохтори молиявии мамлакат, ки мо ҷонибдораш мебошем, он бояд аз чаҳор унсури асосӣ иборат бошад: инфрасохтори бозори молиявӣ (доираи ҳаракати сармоя), низоми институтҳои бахши молиявӣ (институтҳои расмӣ ва ғайрирасмие, ки фаъолияти бахши молиявиро танзим мекунанд), мақомоти танзими молиявӣ (субъектҳои танзими молиявӣ), объектҳои танзими молиявӣ (агентҳои иқтисодиёт, ки дар ихтиёрашон захираҳои молиявиро дошта, арзиши изофаро таҳия мекунанд)»[7].

Масоили марбут ба инфрасохтори молиявӣ, чуноне, ки маълум гашт, бештар дар асарҳои олимони рус баррасӣ гаштаанд. Аз ин рӯ, барои таҳлили мафҳум ва моҳияти он раддабандии тавсифи онҳоро ин ҷо овардан мувофиқи мақсад аст. Ақидаҳои олимони рус бошад, дар бобати тавсифи инфрасохтори молиявии муосир хеле гуногун мебошад. Масалан, В.В. Мищенко чунин тавсифи инфрасохтори молиявиро овардааст: «Инфрасохтори молиявӣ ин маҷмӯи бонкҳо ва дигар муассисаҳои қарзию молиявист, ки бо ҷалби воситаҳои пул ва додани қарз машғуланд. Он дар бар мегирад: муассисаҳои давлатӣ (бонки марказии эмиссионӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, хазинаҳои почтаву пасандозӣ ва дигарҳо), муассисаҳои хусусӣ (бонкҳои тиҷоратӣ, бонкҳои инвеститсионӣ, муассисаҳои бонкии махсусгардонидашуда – бонкҳои ипотекӣ, фондҳои гуногун). Ҳамаи ин муассисаҳо ба мубодилаи оперативии иттилоот ниёз доранд. Барои ин мақсад онҳо боз чанд унсури инфрасохторӣ доранд: воситаҳои алоқа ва воситаҳои автоматиконидашуда» [8].

Аз тавсифот ва баррасии мафҳуми инфрасохтори молиявӣ дар умум ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки онро ҳамчун афзори пурсамари таъмини муттасилияти ҳаракати захираҳои молиявӣ дар иқтисодиёт, барои расидан ба мақсадҳои стратегии тараққиёт фаҳмидан зарур аст. Аммо ин танҳо як ҷанбаи муҳими мафҳумии ин механизм аст. Ҷанбаи дигари махсусан муҳими инфрасохтори молиявӣ дар иқтисодиёти миллӣ ин аст, ки тавассути он масъалаҳову муаммоҳои дастрасии минтақаҳои мамлакат ба воситаҳои инвеститсионӣ низ то андозаи муайян ҳалли худро ёфта метавонанд. Дар чунин ҳолат яке аз масъалаҳои муҳими таъмини тараққиёти баробармарзӣ – яъне тақсимоти ҳудудии захираҳои иқтисодӣ тавассути инфрасохтори молиявии мутараққии замонавӣ низ ҳали худро ёфта метавонад.

Назари аксари олимони соҳа ин аст, ки ҳатто дар марҳилаҳои баромадан аз бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ, он мамлакатҳое ба зудӣ сатҳи тараққиёти қаблии иқтисодиву иҷтимоии худро ноил шуда метавонанд, ки барои ҳаракати бемамониати сармоя ва захираҳову селаҳои молиявӣ, захираҳои моддиву зеҳнӣ, қувваи корӣ шароити мусоид муҳайё карда тавониста бошанд. Танҳо чунин давлатҳо метавонанд дар ташаккули сохти технологии шашум иштироки фаъолона дошта бошанд.

Маълум аст, ки тараққиёти иқтисодиётро бидуни таъмини маблағгузории дурусти ғояҳои соҳибкории муосир, ки пешбарандагонашон одатан корхонаву соҳибкорони муосире мебошанд, ки пешсафи фаъолияти инноватсионӣ ҳам маҳсуб мегарданд. Раванди инвеститсионӣ дар чунин шароит тавассути инфрасохтори молиявии замонавӣ, аз ҳисоби ҷалби захираҳои молиявӣ дар бозори молиявӣ амалӣ мегардад. Аз тарафи дигар, имкону қобилияти ширкатҳо дар ҷалби воситаҳои инвеститсионӣ аз арзиши бозории ширкат, ки бо самаранокии идоракунӣ ва ташкили фаъолият, мавҷудияти моликияти зеҳнии пурқимат, ходимони соҳибихтисос, ҳамчунин баҳои баланди фаъолияти ширкат аз ҷониби муштариёнаш тавсиф мегардад, вобастагии мустақим дорад.

Инфрасохтори молиявӣ на танҳо раванди инвеститсиониро таъмин мекунад, балки маҷрогоҳи хосе мебошад, ки тавассути он хадамоти молиявӣ ба муштариён расонида мешавад.

Дар замони муосир, хадамоти молиявӣ қисми муҳими таркибии соҳаи
хизматрасонӣ шудаанд. Ба таркиби онҳо хадамоти инвеститсионӣ, суғурта, бонкӣ ва
дигар хадамоти молиявӣ, азҷумла хизматрасонии пардохтӣ низ дохил мешаванд.

Мутобиқи маълумоти оҷонсии маъмули рейтингии Standard & Poor's, дар оғози асри ҷорӣ, капитализатсияи бозории соҳаи хадамоти молиявӣ, зиёда аз 20 фоизи арзиши капитализатсияи умумии бозории ширкатҳоеро, ки дар ташаккули намояи фондии S&P 500 иштирок доранд, ташкил додааст [9].

Бо назардошти зарурати аввалиндараҷаи равобити байниҳамдигирии агентҳои иқтисодии гуногун дар инфрасохтори молиявии замонавӣ, ки бо ҳамдигар ба робитаҳои гуногуни инвеститсионӣ, пардохтӣ, асъорӣ, қарзӣ ва дигар муносибатҳои молиявӣ ворид мешаванд, баррасии муҳити иттилоотию технологӣ чун қисмати интегралии инфрасохтори молиявӣ дуруст аст, ки дар он робитаҳои байниҳамии бонизом ба вуқӯъ мепайванданд. Дар замони муосир, дар низоми молиявӣ

муҳити иттилоотию технологӣ аз равобити хеле гуногуни ташкилӣ, техникӣ ва ҳуқуқӣ иборат аст, ки қоидаҳою стандартҳо, таъминоти иттилоотӣ, технологияву институтҳоро муқаррар мекунад, ки дар навбати худ ба раванди расонидани хадамоти депозитӣ, қарзӣ ва пардохтӣ шомиланд [10].

Дар шароити кунунӣ инфрасохтории молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ба дараҷаи зарур рушд наёфтааст. Ин ҳолат сабабҳои объективии худро дорад. То имрӯз инфрасохтори молиявии Тоҷикистонро ҳамчун низоме, ки дар фаъолияти бонкҳо асос ёфтааст арзёбӣ намудан мумкин аст. Яъне дар муҳити молиявии мамлакат бозори молиявӣ бо фаъолияти густардаи биржаҳои фондӣ ва дигар иштирокчиёни касбии бозори фондӣ тавсиф дода намешавад. Агарчанде асноди ҳуқуқию меъёрии соҳаи мазкур дар чанд марҳила ба тасвиб расида бошад ҳам, аммо дар амал фаъолияти бозори молиявӣ танҳо бо фаъолияти иштирокчиёни асосии муҳити молиявӣ, яъне бонкҳо ва дигар муассисаҳои ғайрибонкии қарзию депозитӣ алоқаманд аст. Дар дебочаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин омадааст: «Мо рушди устувори минбаъдаи кишварро дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ карда, барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираву имкониятҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ талош менамоем ва ҷиҳати роҳ надодан ба осебпазирии иқтисоди миллии кишвар дар давраи дарозмуҳлат тадбирҳои алоҳидаро амалӣ карда истодаем.

Вобаста ба ин, Ҳукуматро зарур аст, ки фаъолияти худро дар самтҳои зикршуда тақвият бахшида, ҳамкории мақомоти марказӣ ва маҳаллии идораи давлатӣ, шарикони рушд, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар таъмин намояд» [11, с.3].

Дар боби сифати рушди иқтисодӣ ва самаранокии бахши воқеии иқтисодиёт, ҷиҳати таъмини низоми молиявии посухгӯи талаботҳои стратегияи мазкур чунин қайд гардидааст: «Дар ин маврид имрӯз кишвар ба модели нави рушд ниёз дорад, ки он бояд дар ҷалби сармоягузориҳо ва технологияҳои нав ба бахши воқеии иқтисодиёт (БВИ), сиёсати шуғли пурмаҳсул, низоми молиявии ташаккулдиҳандаи захираҳо ва муҳимтар аз ин, ба фазои мусоиди сармоягузорӣ асос ёфта бошад»[11 с.60].

Вобаста ба ин дастурҳо, инфрасохтори молиявии муосир бояд дар масири дидгоҳи сифатан нави он таҳия гашта, такомули он бояд равишҳои муосири глобалиро ба назари эътибор гирифта бошад. Дар самти такомули инфрасохтори молиявии минтақавӣ бошад, назари мо бештар ба соҳаи таъмини селаҳои молиявӣ барои рушди равандҳои инвеститсионии минтақа равона гардидааст. Рушди минтақаҳои кишвар сатҳи муҳимтарини татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ буда, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун нуқтаи ниҳоии тамоми кушишҳои қатъӣ дар самтҳои афзалиятнок дида баромада мешавад: аз ҷумла, таъмини сатҳи қобили қабули амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ, рушди имконоти коммуникатсионии кишвар ва вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул.

Назари стратегии ҳукумати кишвар дар бобати рушди минбаъдаи инфрасохтори молиявии минтақаҳо, аз ҳисоби норасогиву заифиҳои ин механизм дар ду ҷанба баррасӣ мешавад: [11, с.38].

- алоқамандии нокифояи барномаҳои рушд бо ҷараёни молиявӣ, бо афзалиятҳою манфиатҳои сармоягузорӣ ва маблағгузориҳои минтақавӣ, тамоюли рушди соҳаҳои иҷтимоии минтақа;
- заминаи заифи молиявии буҷети маҳаллӣ.

Дар Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 бошад, мафҳуми инфрасохтори молиявӣ чунин тавсиф дода шудааст: «Инфрасохтори молиявии таҳкимгардида (таърихи қарз, низоми аҳдҳои таъминшуда, инфрасохтори пардохтӣ ва ғайра) заминаро барои пешниҳоди самаранок ва муассири хизматрасониҳои молиявӣ аз ҳисоби кам кардани хароҷот ва фарогирии муштариёни минтақаҳои дурдаст таъмин менамояд. Инфрасохтори рақамӣ (интернет, алоқаи мобилӣ, платформа ва маркази коркарди маълумот) пешбурди фарогирии молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ менамояд». [12]

Вобаста ба самтҳои стратегияҳои миллӣ ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи рушду тақвияти инфрасохтори молиявии давлатӣ ва минтақавӣ зарур аст, ки вазифаҳои мушаххаси татбиқи ҷузъҳои сиёсати давлат дар ин ҷабҳа кор карда баромада шаванд. Барои ин омодагии ниҳодии низоми иқтисоди миллӣ ва инфрасохтори бозори молиявии ватанӣ ба равандҳо ва фазои тағйирпазири муҳити молиявии байналмилалӣ мутобиқ гардонида шуда, барои хидматрасонии самараноки селаҳои инвеститсионии ватаниву хориҷӣ созгор карда шаванд.

Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявию методии масъалаи мавриди баррасӣ, таҳлили таҷрибаи андӯхтаи низоми миллии хадамоти молиявӣ ва инфрасохтори бонкиву бозори молиявӣ ва камбудиву норасогиҳо дар ин самт, пешниҳоди тавсияҳои корӣ зарур аст. Такмилу тақвияти

инфрасохтори молиявии марказиву минтақавӣ равиши маҷмаавиро тақозо мекунад, ки коркарду татбиқи стратегияҳои рушди ҷанбаҳои гуногуни низоми молиявиро дар назар дошта бошад.

Барои иҷроиши ин вазифаи тадқиқоти илмӣ, мо зарур донистем самтҳои стратегияи минбаъдаи рушди инфрасохтори молиявии кишварро дар шакли зерин пешниҳод кунем:

1. Татбиқи тадриҷии фарогирии молиявӣ (инклюзия): ҳавасмандкунии дастрасии хадамоти молиявӣ барои ҳамаи қишрҳои аҳолӣ вазифаи аввалиндараҷа маҳсуб мегардад. Ин тавсеаи шабакаи шуъбаҳои бонкӣ, тараққиёти хадамоти мобиливу бонкдории онлайнӣ, таҳияи институтҳои қарзи хурд ва дигар механизмҳои барои фарогирии молиявӣ мусоидаткунанда;
2. Такомули инфрасохтори бонкӣ: Рушду такомул ва боло бурдани сифти кори инфрасохтори бонкӣ дар баландбардории самаранокии низоми молиявӣ дар маҷмӯъ таъсиргузор мебошад. Ин дар навбати худ, навсозии технологияҳои молиявиро дар низоми бонкӣ, беҳтар кардани низоми коркарди пардохтҳо, рушди шабакаҳои банкоматҳо ва терминалҳо, ҳамчунин бозомӯзии пайвастаи кормандонро дар назар дорад.
3. Тараққии бозори сармоя: Такомул ва рушди бозорҳои сармоя аз рӯи шакли замонавӣ, боиси афзоиши дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ гашта, фаъолнокии инвеститсиониро ҳавасманд мекунад. Ин дар навбати худ, коркарди қонунгузорӣ ва муҳити танзимотиро барои тараққиёти бозорҳои фондӣ ва коғазҳои қиматноки қарзӣ, фароҳам кардани шароит барои ҷалби сармоягузорон ва рушди минбаъдаи инфрасохтори савдои коғазҳои қиматнокро дар назар дорад.
4. Болобарии саводнокӣ ва фарҳанги молиявӣ: Омӯзиши сартосарии қишрҳои гуногуни аҳолӣ аз рӯи барномаҳои пайдарпайи саводнокии молиявӣ, боиси баландбардории самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ гашта, ба кам шудани хавфҳои молиявӣ мусоидат менамояд. Барои ин, ташкили барномаҳои таълимӣ аз тариқи васоити ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ ва паҳн кардани маводҳои иттилоотӣ оид ба хадамот ва маҳсулоти молиявӣ зарур аст.
5. Татбиқи инноватсия дар технологияҳои муосири молиявӣ: Густариши технологияҳои замонавӣ дар соҳаи хадамоти молиявӣ ба болобарии самаранокӣ ва дастрасии захираҳои молиявӣ мусоидат мекунад. Барои расидан ба ин ҳадаф, коркарди низомҳои рақамии пардохт, ҳамёнҳои электронӣ, блокчейн-технологияҳо, ва ҳамчунин тараққиёти fintech-стартапҳо, ки ба тарвиҷи инноватсияҳо дар муҳити молиявӣ мусоидат мекунанд, зарур аст.
6. Тараққиёти муҳити танзимотӣ: Ташаккули муҳити созгори танзимотӣ омили калидии ҷалби сармоягузориҳо ва тараққии инфрасохтори молиявӣ ҳисоб меёбад. Ин тадбирҳо аз содакунии раванди бақайдгирии фаъолият, ихтисори монеаҳои хуҷҷатнигорӣ (бюрократӣ), коркарди тадбирҳои муассири инвеститсионӣ ва ҳифзи воқеии ҳуқуқҳои сармоягузорон иборат мебошанд.
7. Ҳамкорӣ ва ҳамгироии байналмилалӣ: Ҳамгироӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва мамлакатҳои мутараққӣ, ба мубодилаи таҷрибаву технологияҳо мусоидат намуда, боиси ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ва кӯмакҳои техникӣ барои рушди минбаъдаи инфрасохтори молиявӣ мегарданд.

Дар маҷмӯъ, такомули муваффақонаи инфрасохтори молиявӣ тадбирҳои ҳамоҳангу созгори бахши давлатӣ, хусусӣ ва ҳамкорони байналмилалиро тақозо менамояд. Ҳамзамон, дар ин самт, равиши маҷмаавие зарур аст, ки ҷанбаҳои гуногуни низоми молиявии кишвар ва талаботи аҳолиро ба назар гирифта бошад.

## АДАБИЁТ:


1. Большая советская энциклопедия: В 30 т. — М.: Советская энциклопедия, 1969.-1978.
2. Райзберг, Б. А., Лозовский Л. Ш., Стародубцева Е. Б. Современный, экономический словарь.-5-е изд., перераб. и доп.-М.: ИНФРА-М, 2006; Большой энциклопедический политехнический словарь (http://polytechnical-dictionary.info/); Финансово-инвестиционный толковый словарь, 2002 г. (http://vocable.ru/dictionary/106).
3. Носова,С.С.Экономическая теория.-М.: Кнорус, 2008.- С. 254.Экономика.Знани яздесь!
4. (http://www.topknowledge.ru/index.php?option=com_content&view=article& id=2557:2011-08-28-06-15-06&catid=128:2011-08-15-06-49-14&Itemid=79).
5. Финансово-кредитный энциклопедический словарь / Под общ. ред. А. Г. Грязновой. М.:Финансы и статистика, 2002.- С. 375–376.
6. Иванова, Т. Б. Глобальная финансовая инфраструктура и этапы ее развития //Известия вузов. Северо-Кавказский регион: Общественные науки.- 2003.- № 12.-С. 69.
7. Тухтаев, Т.М. Институциональные сбои современной финансовой инфраструктуры/ Финансово-экономический вестник, №3 (32) (научно-практический журнал) – Д.: ТГФЭУ – с. 87-88.
8. Мищенко В. В. Экономика регионов: учеб. пособие. URL: http://www.business.polbu.ru
9. Market Observation. Режим доступа: http://www.contraryinvestor.com/
10. Financial Infrastructure. Building Access through Transparent and Stable Financial Systems. / The World Bank. — 2009.
11. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016 № 636 тасдиқ шудааст – Душанбе, 2016.
12. Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026. - Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, №314 тасдиқ шудааст. – Душанбе, 2022.-10 с.


## REFERENCES:


1. The Great Soviet Encyclopedia: In 30 volumes. — Moscow: Soviet Encyclopedia, 1969.-1978.
2. Raizberg B. A., Lozovsky L. Sh., Starodubtseva E. B. Modern
3. Economic Dictionary. — 5th ed., revised. and enlarged. — Moscow: INFRA-M, 2006; The Great Encyclopedic Polytechnical Dictionary (http://polytechnical-dictionary.info/); Financial and Investment Explanatory Dictionary, 2002 (http://vocable.ru/dictionary/106).
4. Nosova S. S. Economic Theory. — Moscow: Knorus, 2008. — P. 254.Economics. Know Here!
5. (http://www.topknowledge.ru/index.php?option=com_content&view=article& id=2557:2011-08-28-06-15-06&catid=128:2011-08-15-06-49-14&Itemid=79).
6. Financial and Credit Encyclopedic Dictionary / Under the general editorship of A. G. Gryaznova. Moscow: Finance and Statistics, 2002. - P. 375-376.
7. Ivanova T. B. Global financial infrastructure and stages of its development // News of universities. North Caucasian region: Social sciences. - 2003. - No. 12. - P. 69.
8. Tukhtayev T. M. Institutional failures of modern financial infrastructure/ Financial and economic bulletin, No. 3 (32) (scientific and practical journal) – D.: TSFEU – pp. 87-88.
9. Mishchenko V. V. Economy of regions: textbook. URL: http://www.business.polbu.ru
10. Market Observation. Access mode: http://www.contraryinvestor.com/
11. Financial Infrastructure. Building Access through Transparent and Stable Financial Systems. / The World Bank. — 2009.
12. National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030. Approved by the Resolution of the Majlisi Namoyandagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan dated December 1, 2016 No. 636 – Dushanbe, 2016.
13. National Strategy of Financial Inclusion of the Republic of Tajikistan for the years 2022-2026. - Approved by the Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated July 1, 2022, No. 314. – Dushanbe, 2022. p. 10.